***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ дар мавзуи «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод мегардад.***

Маълум аст, ки тоҷикон чун миллати дорои таъриху тамаддуни бостонӣ дар ташаккул ва пешвафти илму фарҳанг ва ҳунари башари нақши мондагор доранд ва онҳо имрӯзҳо аз тарафи ҷомеаи башарӣ истиқбол гирифта мешаванд. Махсусан, ҳунарҳои мардумӣ, ки дар давраи Истиқлол бознигарӣ шуда истодааст, ба онҳо аҳаммияти бештар дода мешавад ва солҳои 2019-2021, ки солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардида буд, дар муаррифии миллати тоҷик дар дунё нақши калон дорад.

Калимаю истилоҳоти марбут ба ҳунармандӣ дар осори назмию насрии миллатамон ба таври фаровон мунъакис шудааст ва яке аз адибоне, ки ин қабати луғавиро барои ифодаи матолиби худ дар осораш зиёд истифода кардааст, устод С.Айнӣ мебошад. Баррсии илмии забоншиносии онҳоро унвонҷӯй Анварзода Мавҷуда Анварӣ ба ухда гирифта дар мавзуи «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» кори диссертатсионӣ пешниҳод кардааст, ки комилан саривақтӣ ва мубрам мебошад. Ин кор на танҳо дар баррасии калимаю истилоҳоти марбут ба ҳунармандӣ аҳаммияти илмию амалии хос дорад, балки сафи айнишиносонро такмил карда, дар ин самт низ арзишманд аст.

Матни автореферати диссертатсия гувоҳи он аст, ки муаллиф ба масъалаи таҳқиқи қабатҳои луғавӣ огоҳии комил дорад ва бо истифода аз шеваи дурусти таҳқиқ кори илмии муносиб пешниҳод кардааст.

Мундариҷаи диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ аз муқаддима, тавсифи умумии кор, ду боб, 8 фаслу 28 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар **муқаддима** меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя шуда, дар он мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ муаррифӣ шудааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ муҳаққиқ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ҳангоми таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсияро асоснок намуда, сохтор ва ҳаҷми онро муайян шудааст.

**Боби аввал** «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ» аз 4 фаслу 5 зерфасл иборат буда, дар онҳо перомуни гуногунҷабҳа будани ҳунарҳои мардумӣ, инъикоси калимаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар

осори адабӣ ва луғатномаҳои давраҳои гуногун, ташаккулу таҳаввули ин қабати луғавӣ баҳс карда, оид ба вожаҳо ва истилоҳоти ҳунармандии марбут **ба дузандагӣ** (махсусан, гулдузӣ, музадузӣ, зардузӣ, пойафзолдузӣ, дастакдузӣ, заминдузӣ, дарздузӣ, калобатундузӣ), вожаҳо ва истилоҳоти ҳунармандии **марбут маводи духт** (чарму пашм, пахтаву абрешим, чӯб), **марбут ба пушок** (либос, пушок, ҳулла, сарупо, сарулибос, коло, жанда), **номи пушиданиҳо** (курта, эзор, ҷома, рӯпок, камзул, маҳсӣ/масҳӣ, кафш, пойтоба / пайтоба // потоба, калуш), **вожаҳои марбут ба номи порчаю матоъ** (атлас, адрас, алоча, шоҳӣ, ҳарир, абрешим, бахмал, махмал, қасаб, банорас, кимхоб /кимхо, карбо, чит, гардӣ, дока, сатин, мисқолӣ, суф, моҳут, зарбафт, пустак, кундал, газ ва ғ.) баҳси илмӣ намуда, маншаи баромади таърихии вожагон, маъноҳои луғавӣ, хусусиятҳои семантикӣ ва омори корбурди ин калимаҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди баррасии илмӣ карор мегиранд

**Боби дуюм** «Сохтори вожаҳою истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» аз чор фасл ва 23 зерфасл иборат аст. Дар ин боб осори назариявии муҳаққиқони варзидаи ватанию хориҷиро доир ба калимасозӣ ёдовар шуда, роҳҳои сохташавии вожаҳо, қолибҳои калимасозӣ ва каммаҳсулию сермаҳсул ва бемаҳсулии қолибҳои мавҷуда муайян гардида, вожаҳою истилоҳоти содаи ифодакунандаи ҳунармандӣ, нақши калимаҳои сохта дар ташаккули вожаҳо ва истилоҳоти ҳунармандӣ тавассути пасвандҳои -а, -ак, -анда, -бон, -вор, -гар, -дон, -ӣ//-гӣ, -ин// гин, -зор, -манд, -нок, -ча ва -чӣ баррасӣ шуда, калимаҳои мураккаби марбут ба ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ таҳқиқ гардида, қолибҳои калимаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ муайян шудаанд.

Дар хулосаи кор унвонҷӯй андешаҳои худро роҷеъ ба мавзуъ дар 10 банд ҷамъбаст намуда, барои истифодаи амалии диссертатсия 5 тавсияи муҳим пешниҳод мекунад, ки аз ҷиҳати мазмун мукаммал ва муъҷаз мебошанд.

Автореферати диссертатсия бо забони тоҷикӣ ва русӣ ба ҳам муносиб ва мувофиқ мебошад. Мақолаҳои чопкардаи унвонҷӯй, ки теъдоди онҳо 9-то аст ва 7-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, мазмуну мундариҷаи таҳқиқро фаро мегиранд. Аён аст, ки муҳтаво ва масоили бобҳои диссертатсия бо маърузаҳо дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун баррасӣ шудаанд, ки аз коркарди масъала дарак медиҳад. Ба андешаи мо, таҳлилу натиҷагириҳо дар автореферати диссертатсия муҳтавои корро мунъакис кардааст.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои назаррас дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо ба ҳусни кор меафзояд. Чунончи:

1. Баъзе аз калимаҳо ба забони русӣ дақиқ тарҷума нашудаанд. Аз ҷумла, дар саҳифаи 14-и автореферат калимаи **либосворӣ** “одеждоподобный ” тарҷума шудааст. Ба фикри мо **либосворӣ** “материал для пошива одежды” бояд тарҷума мешуд.

2. Баъзе аз калимаҳои ҳунармандӣ тарҷума нашудааст. Аз ҷумла, дар саҳ. 17 ҷомаи **абрастари кампахта** ва **ҷомаи алоча** ба русӣ тарҷума мешуд, беҳтар мебуд.

Бешубҳа, камбудиҳои мазкур арзиши баланд ва аҳаммияти илмии таҳқиқро кам намекунанд ва кори диссертатсионии пешниҳодшуда дар айнишиносӣ аз назари забоншиносӣ дорои моҳияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи ба дифъ пешниҳодшуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ дар мавзуи «Баррасии вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарриз:**

муовини директор оид ба корҳои таълимию
методии филиали Донишгоҳи
миллии таҳқиқотии технологӣ МИСИС
дар ш.Душанбе, доктори илмҳои филологӣ,
профессор А. А. Нозимов

«01» апрели соли 2025.

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Назаршоев, 7.
Тел.: (+992)900 82 28 82
E-mail: aa.nozimov@mail.ru

Имзои А.А. Нозимовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои филиали
ДМТТ МИСИС дар ш.Душанбе М.А.Зарипова

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Назаршоев, 7.
Тел.: (+992)938 30 77 77
E-mail: malika_zaripova@inbox.ru

«01» апрели соли 2025.